Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Омӯзиши динамикаи танзими ҳуқуқи оила дар Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи тамоюлҳои нави рушди қонунгузорӣ ба мисли соҳибкории оилавӣ сухан ронем. Соҳибкории оилавиро метавон маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоии субъекти ҳуқуқи оила ва соҳибкорӣ ҳисоб кард, ки он дар ҳамкорӣ ва дар чорроҳаи ду институти ҳуқуқӣ: оила ва соҳибкорӣ қарор дорад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки танзими мураккаби байнисоҳавии институти соҳибкории оилавӣ вуҷуд дорад.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дуруст қайд менамояд, ки “Соҳибкории оилавӣ институти ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва намуди рафтори иқтисодии воҳиди ҷамъият – оила мебошад. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад” (саҳ.10).

Умуман он масъалаҳое, ки муаллиф баррасӣ намудааст, қобили қабул буда, барои рушди минбаъдаи институти мазкур заминаи мусоиди илмӣ ва ҳуқуқиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими фаъолияти якҷоя дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузории граждании, соҳибкорӣ, оилавӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад. Автореферати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Дар саҳифаи 26 диссертатсия муаллиф чунин навиштааст: "... дар танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ таносуби манфиатҳои оилавӣ ва давлатӣ риоя карда шуда, кафолати давлтии рушди соҳибкории оилавӣ таъмин гардад. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрумгаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монда вазифаҳои муҳимтари ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад". Пас ибораи "манфиатҳои оилавӣ" чӣ маъно дорад?

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Диссертатсияи илмиро мо ҳамчун таҳқиқоти комплексӣ ва анҷомёфта баҳо дода, муаллифи он Рофиева Азиза Ҳамдамовнаро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мешуморем.

Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

Мудири шуъбаи масоили назариявии
давлат ва ҳуқуқи муосири Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шозедов Х.Н.

«26» майи 2023 с.

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: +992 (37) 221-03-28; E-mail: www.ifppanrt.tj